УДК 336Т
ББК -65.9(2т)26

## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

***Шарипова Дилафрӯз Маҳмудовна*** *– номзади илмҳои иқисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: muhammed_sharipo@mail.ru*

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

***Шарипова Дилафруз Махмудовна*** *- кандидат экономических наук, доцент, Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», Республика Таджикистан, e-mail: muhammed_sharipo@mail.ru*

## IMPROVING THE FOOD SECURITY MECHANISM

***Sharipova Dilafruz Mahmudovna*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, State educational institution "Khujand State University named after Academician B.Gafurov", Republic of Tajikistan, e-mail: muhammed_sharipo@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ***: *амнияти озуқаворӣ, дастрасии иқтисодии озуқаворӣ, пешниҳоди маҳсулот, омилҳои иқтисодӣ, ҳадди ақал, инфрасохтори истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ*

*Дар мақола нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ аксаран ба сабаби афзалият доштани ба ном “омилҳои хусусӣ” дар механизми таъмини он ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо ба вуҷуд овардани шароити мусоидро барои ҳалли муаммоҳои озуқаворӣ (дар мавриди мо тавсифи равандҳои ҷаҳонишавӣ), балки сатҳи таъминнокии озуқавориро мунтазам нигоҳ доштани минтақа, ба ҳадди ақал расонидани хавфи халалдор гаштани таъминнокии озуқавориро низ пешбинӣ мекунад*

***Ключевые слова:*** *продовольственная безопасность, экономическая доступность продуктов питания, спрос на продукты, экономические факторы, минимум, инфраструктура производства продуктов питания*

*В статье показано, что роль региона в обеспечении продовольственной безопасности зачастую проблематична из-за приоритета так называемых «частных факторов» в механизме ее обеспечения. Автор отмечает, что совершенствование механизма продовольственной безопасности предполагает не только создание благоприятных условий для решения продовольственных проблем (в нашем случае описание процессов глобализации), но и регулярное поддержание уровня продовольственной обеспеченности в регионе, минимизацию риска нарушения продовольственной безопасности.*

***Key words:*** *food security, food affordability, food supply, economic factors, minimum, food production infrastructure*

*In the article, the role of the region in ensuring food security is often problematic due to the priority of the so-called "private factors" in the mechanism for ensuring it. The author notes that improving the mechanism of food security involves not only creating favorable conditions for solving food problems (in our case, a description of the processes of globalization), but also regularly maintaining the level of food security in the region, minimizing the risk of food security violations. delivery provides*

Нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ аксаран ба сабаби афзалият доштани ба ном "омилҳои хусусӣ" дар механизми таъмини он ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Бинобар ин, возеҳу равшан аст, ки танзим кардани талаботи беохири гуногуншакли одамон ба намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ ва муносибатҳои онҳо хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, аксаран минтақа ё субъекти хоҷагидорӣ ҳангоми ҳалли ягон вазифа механизми ба он ноил гардиданро такмил медиҳад.

Ба ақидаи мо, механизми таъмини амнияти озуқаворӣ инъикоси тарзҳои мухталифи таҳлили равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки дар минтақа ва дар объекти воқеӣ ва дар муодилаҳо, формулаҳо, рамзҳои математикӣ, ки онҳоро блок-схемаҳои гуногун тавсиф мекунанд, ба амал меоянд.

Моҳияти такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ дар вокуниши фаврӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар олам ва ба тағйироти ҳамкории низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа зоҳир мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо ба вуҷуд овардани шароити мусоидро барои ҳалли муаммоҳои озуқаворӣ (дар мавриди мо тавсифи равандҳои ҷаҳонишавӣ), балки сатҳи таъминнокии озуқавориро мунтазам нигоҳ доштани минтақа, ба ҳадди ақал расонидани хавфи халалдор гаштани таъминнокии озуқавориро низ пешбинӣ мекунад, ки он хеле муҳим аст. [1, С.346].

Бинобар ин такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ зарур аст, зеро мақсади ин раванд амалҳои зеринро дарбар мегирад:

- рушди кишоварзии ватанӣ ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳамчунин инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоии истеҳсолоти деҳот ва маҳалли деҳот;
- бо маҷмуа кофӣ ва устувори озуқаворӣ таъмин кардани аҳолӣ;
- таъмин кардани дастрасии иқтисодии озуқаворӣ;
- ба вуҷуд овардани захираҳои суғуртавӣ барои вазъиятҳои фавқулода;
- имкони барои истеъмол ҳам маҳсулоти озуқаворӣи воридотӣ ва ҳам маҳсулоти истеҳсоли ватаниро харида тавонистани аҳолӣ;
- назорати сифати маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайра.

Ба сатҳи амнияти озуқаворӣ ва нақши минтақа дар таъминнокии он ҷойгиршавии ҷуғрофии мамлакат таъсир мерасонад. Масалан, ҷойгиршавии геосиёсии вилояти Суғд масъалаи содироти маҳсулоти кишоварзиро ба қисми боқимондаи ҶТ мушкил сохт. Гузашта аз ин, дар натиҷаи содироти бебоҷи маҳсулот, ки солҳои 90-уми қарни гузашта мувофиқан бо механизми минтақаи озоди гумрукӣ оғоз ёфт ва то ҳол идома меёбад, истеҳсолгарони маҳаллӣ дар бозори минтақавӣ дар шароити комилан гуногуни рақобатӣ дар баробари маҳсулоти нисбатан арзони воридотӣ қарор доштанд. [2, С.171].

Такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа интихоби ҳалли мувофиқи (оптималии) вазъияти мазкурро пешбинӣ мекунад, яъне масъалаи коммуникатсияи байни шимол ва ҷануби ҷумҳурӣ ҳал шуд.

Барои арзёбии нақши минтақа ва баланд бардошатни самаранокии истифодаи иқтидори мавҷудаи вилояти Суғд дар таъмини амнияти озуқаворӣ мо механизми нави таъмини амнияти озуқавориро пешниҳод мекунем.

Механизми мазкури таъмини амнияти озуқаворӣ дар расми 1 оварда шудааст.




Расми 1. Механизми таъмини амнияти озуқаворӣ

Такмили механизми таъмини амнияти озуқавории минтақа омилҳои беруна ва дохилиро ба ҳисоб мегирад ва аз чаҳор блок иборат аст: 1) вазифаи мақсаднок – қонеъ гардонидани (рӯпӯш кардани) талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ; 2) инфрасохтори истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ; 3) кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ; 4) идоракунии минтақа.

Самаранокии амали механизми таъмини амнияти озуқаворӣ аз қобилияти ба равандҳои ҷаҳонишавии дунё мутобиқ гардидани равандҳои иқтисодии минтақа вобаста аст.

Ба такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчунин эҳтимоли тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ вокуниш нишон медиҳад: $x_1$, $x_2$, ... $x_n$ – тағйирёбандаҳои вурудӣ (миқдори замине, ки ба раванди такрористеҳсоли маҳсулот ҷалб шудааст; миқдор ва тахассусмандии захираҳои меҳнатӣ, мавҷудият ва муҷаҳҳазии фондҳои истеҳсолӣ ва сармояи молиявӣ), $y_1$, $y_2$ ... $y_n$ – тағйирёбандаҳои хуруҷӣ (ҳаҷм ва сифати маҳсулоти озуқавории дар кишоварзӣ истеҳсолшаванда ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ аз тарафи саноати вилоят), $z_1$, $z_2$ ... $z_n$ – нишондиҳандаи самаранокии идоракунии иқтисодиёти минтақа оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ; $a_1$, $a_2$ ... $a_n$ – имкониятҳои эҳтимолии маҳсулоти озуқавориро истеҳсол кардани иқтисодиёти минтақа. [3, С.113-118].

Ба самаранокии механизми таъмини амнияти озуқаворӣ муҳити беруна ва дохила таъсир мерасонад.

Муҳити экзогенӣ (беруна), ки ба механизми таъмини амнияти озуқаворӣ таъсир мерасонад, омилҳои зеринро дарбар мегирад: тамоюлҳои рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ҷаҳонишавӣ, инкишофи ПИТ (НТГ) ва ИИТ (НТР), тарзи (уклади) иқтисодӣ.

Муҳити эндогение, ки ба механизми мазкур таъсир мерасонад, омилҳои зеринро дарбар мегирад: рақобати дохилӣ, тахассуси кормандон, ҳосилнокии меҳнат ва ғайра.

Самаранокии амали механизми таъмини амнияти озуқаворӣ аз вокуниш ба тағйирёбии сифат ва сохтори ғизои аҳолии минтақа вобаста аст. Масалан, истеъмоли маҳсулоти ширӣ соли 2017 нисбат ба соли 1990 қариб 2 баробар, маҳсулоти моҳӣ бошад 1,5 баробар кам шудааст. Баробари ин афзоиши пешгӯишавандаи картошка, сабзавот ва нону кулча, мутаносибан, 1,4, 1,3 ва 1,5 баробар афзуд.

Аз рӯи ҳисобу китоб, вояи миёнаи рӯзонаи сокини минтақа дар муқоиса бо соли 1990 ба ҳисоби миёна 696 ккал/шабонарӯз кам шудааст ва алҳол 2200,8 ккал/шабонарӯзро ташкил мекунад, ки 12% аз қимати даргоҳии дар ҳаҷми 2500 ккал/шабонарӯз муқаррар кардаи ФАО кам аст.

Меъёрҳои тавсиявӣ ва воқеии истеъмоли маҳсулоти озуқа ба ҳар сари аҳолии минтақа дар ҷадвали 2.1.1. оварда шудаанд.

Истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар хоҷагиҳои хонаводагӣ дар муқоиса бо стандартҳои тиббии тавсияшуда ба талаботи СУТ (ВОЗ) ва ФАО пурра ҷавобгӯ нест. Бо вуҷуди ин, дар вилояти Суғд ва дар ҶТ умуман беҳбудии назарраси вазъияти озуқаворӣ ва сифати он мушоҳида мешавад.

Мувофиқи арзёбии барномаи индикатори мақсад дар самти рушд, ки дар Эъломияи ҳазорсола баён шудааст, соли 2005 дар мамлакат амнияти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои қабул гардида таъмин нашуда буд (гурустнагикашӣ мавҷуд буд): талаботи ҳадди ақал ба энергияи озуқаворӣ (МСДЭП) дар сатҳи ҷумҳурӣ 43%, дар сатҳи шаҳр 62% ва дар сатҳи ноҳияҳои деҳот 38%-ро ташкил мекард.

Алҳол дар ҷумҳурӣ истеъмоли миёнаи энергияи парҳезӣ дар як рӯз ба як нафар 2070 ккал, дар сатҳи шаҳр – 1800 ккал, барои сокинони деҳот – 2160 ккал рост меояд.

Зимнан қайд мекунем, ки даромади аҳолии ҶТ нобаробар аст. Аз ҷумла, сеяки аҳолии ҷумҳурӣ даромади кам дорад ва тибқи нишондиҳандаҳои МДТЭ ғизо хӯрда наметавонад. Бинобар ин, сатҳи аз ҳама баланди таъминнокии амнияти озуқаворӣ 43% дар ш. Душанбе, сатҳи аз ҳама паст – 21% дар вилояти Суғд ба назар мерасад. [4, С.292].

Албатта, вазъият беҳтар гардидааст, лекин масъалаи набудани таъминнокии озуқаворӣ то ба охир ҳалли худро наёфтааст. Масалан, бо амнияти озуқаворӣ таъмин набудан, ки дар норасоии энергия зоҳир мегардад, дар сатҳи миллӣ дар як рӯз ба як инсон 349 килокалорияро ташкил мекунад. Ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаи МДТЭ 19% камтар аст. Норасоии энергияе, ки дар сатҳи миллӣ истеъмол мегардад, 539 килокалория/инсон/рӯзро ташкил мекунад, ки аз 2070 килокалория/инсон/рӯз 26 фоиз кам аст. МДТЭ дар сатҳи миллӣ дар Тоҷикистон !**) килокаллорияро ташкил мекунад.

Такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ бо ноилшавӣ ба меъёри воқеии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷониби аҳолии минтақа тибқи меъёрҳои муқаррар гардида мусоидат мекунад.

Барои ин муқаррар кардан лозим аст, ки сокини миёнаи минтақа дар як рӯз чи қадар бояд моддаҳои ғизоӣ истеъмол кунад. Бинобар ин, барои вазифаҳои тағйирёбанда $x_1$ – маҳсулоти нон; $x_2$ – картошка; $x_3$ – сабзавоту харбуза; $x_4$ – шир ва маҳслуоти ширӣ; $x_5$ - гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ; $x_6$ – равғани рустанӣ: $x_7$ – тухм; $x_8$ – шакар ва маҳсулоти қаннодӣ, $x_9$ – мева ва буттамеваро мегирем.

Дар натиҷаи ҳисобу китоб меъёри воқеии истеъмоли аҳолии вилояти Суғд дар соли 2017 (ккал/шабонарӯз) муайян карда шуд, ки намуди зерин дорад: формула

Қайд мекунем, ки нишондиҳандаи интегралии таъминнокӣ бо маҳсулоти озуқавории аҳолӣ таносуби истеъмоли воқеии онҳо бо меъёрҳои байналхалқӣ мебошад. Бинобар ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки бо вуҷуди то соли 2017 ба 2200,8 ккал/шабонарӯз расидани нишондиҳандаи мазкур, истеъмоли воқеии маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷониби аҳолии минтақа аз меъёрҳои ФАО 12% (2500 ккал/шабонарӯз) пасттар ва аз ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ 0,1 (2090 ккал/шабонарӯз) зиёдтар буд.

Қайд кардан зарур аст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба нишондиҳандаи соли 2015 назаррас камтар мебошад. Вояи воқеии ҳаррӯза ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд аз

маҳсулоти зерин иборат аст: маҳсулоти нону кулча 165 г, картошка 125 г, сабзавот 183,5 г, шир 317,5 г, гўшт 67 г, равған 11,5 г, тухм 0,35 адад, шакар 22,5 г, мева 106 г (1563 ккал/шабонарўз), ки дар минтақа 32,0% ва нисбат ба ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ 21% (1950 ккал/шабонарўз) баландтар аст.

Бо суханони дигар, истеъмоли маҳсулоти хўрока аз ҷониби аҳолии вилояти Суғд ва умуман ҷумҳурӣ ба амнияти озуқаворӣ мутобиқати пурра надорад. Зимнан, бештар аз 70% ё аз се ду ҳиссаи хароҷоти умумӣ ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам дар сатҳи миллӣ ба озуқаворӣ рост меояд. Ба ҳисоби миёна хароҷоти ҳаррўзаи як нафар инсони минтақа ба ғизо барои рушди комилиёр кофӣ нест.

Бинобар ин, такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ бояд ба ташаккули вояи оптималии ҳаррўзаи ғизо мусоидат кунад.

Дуруст аст, ки парҳези оптималӣ бо сифатҳои зерин маҳдуд мешавад:

- таркиби моддаҳои ғизоии дар хўрок истеъмолшаванда набояд аз меъёри ҳаррўзаи ба онҳо тавсиягардида зиёд бошад;
- тағйирёбандаҳо манфӣ буда наметавонанд.

Ҳамин тариқ, такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо барои оптимизатсияи истеҳсолот ва фурўши маҳсулоти кишоварзӣ барои гурўҳҳои мухталифи аҳолӣ, балки ҳамчунин барои ёфтани сохтори мувофиқи ғизо низ зарур аст. Ва маҳз ҳамин нукта омили муайянкунандаи таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо барои аҳолии минтақа, балки умуман барои мамлакат низ мебошад.

Такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ ва низоми минтақавии таъмини он дар сатҳи истеъмол дарбар мегирад;

- дараҷаи қонеъгардонии талаботи физиологии аҳолии минтақа ба моддаҳои ғизоие, ки дар таркиби намудҳои асосии хўрокворӣ мавҷуданд;
- ба талаботи стандарт мутобиқ кардани сифати маҳсулот;
- таъмин кардани сатҳи оптималии (мувофиқи) арзиши энергетикии ғизои истеъмолшаванда;
- дастрасии физикӣ ва иқтисодии маҳсулот барои табақаҳои мухталифи аҳолӣ;
- сатҳи агфлятсия (аз ибораи "аграрная инфлятсия"- таварруми аграрӣ), яъне раванди зиёдшавии нархи озуқаворӣ ва зироатҳои техникии кишоварзӣ дар муқоиса бо афзоиши умумии нарх ё зиёдшавии нарх дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ.
-сатҳи дастгирии иҷтимоии қашшоқон.

Ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақа таъсир мерасонанд:

- сатҳи истиқлолияти озуқаворӣ;
- сатҳи истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти хўрока;
- сатҳи дастгирии буҷетии фермерҳо дар минтақа;
- таъмини сатҳи матлуби захиракунии намудҳои асосии маҳсулоти хўрокворӣ, тухмӣ, хўроки чорвои консентрасияшуда, захираҳои молиявӣ ва замин;
- устувории бозори аграрию озуқаворӣ дар қитъаҳои асосии маҳсулот дар асоси тавозуни талаботу пешниҳодот.

Ҳамин тариқ, такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ бисёрченака мебошад. Ин, дар навбати аввал, дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ инъикос меёбад. Тадбирҳои мазкур, аз як тараф, рушди истеҳсолоти кишоварзии озуқаворӣи ватанӣ, такмили квотаҳоро ба воридоти маҳсулоти тайёри кишоварзӣ барои ҳифзи деҳқонони маҳаллӣ дарбар мегирад, аз ҷониби дигар, маҳсулоти баландсифатро бо назардошти стандартҳои тиббии оқилона (?) таъмин мекунад.

Мутаносибан, такмил додан ва баланд бардоштани самаранокии механизми таъмини амнияти озуқаворӣ масъалаи мураккабест, ки на танҳо ба сиёсати озуқаворӣ, балки умуман ба сиёсати иқтисодии минтақа дахл дорад.

Дар таъмини амнияти озуқаворӣ ба шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва табиии минтақа нақши махсус дода мешавад. Бинобар ин, андешидани тадбирҳои зеринро зарур мешуморем:

- баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодиёти минтақавӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ;
- татбиқи барномаи давлатии таъмини амнияти озуқаворӣ дар амал;
- такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ.

Усулан, механизми таъмини амнияти озуқаворӣ методи аз ҳама мувофиқ ва самаранок мебошад, зеро, мувофиқи назария амнияти озуқаворӣ се ҷанба дорад:

1. Амнияти озуқаворӣ чун ҳодисаи иқтисодӣ (шароитҳои фаъолияти ҳаётии аҳолӣ);
2. Таъмини захиравӣ (мавҷудият ва истифодаи иқтидори минтақа, қобилияти танзими воридоти озуқаворӣ);
3. Самаранокии иқтисодиёти минтақа (таъмини аҳолӣ ва дастрасии нархии озуқа ба қисми асосии аҳолӣ), ки ба таври схема дар расми 2 оварда шудааст.

ражено ниже.




Расми 2. Матритсаи такмили механизми иҷроиш амнияти озуқаворӣ

Ҳангоми такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ ва таҳияи барномаи рушди минтақа ба матритсаи мазкур такя кардан лозим аст.

Зимнан дар ин маврид ба самтҳое, ки вазъи воқеии иқтисодиёти минтақаро инъикос мекунанд ва алҳол он амнияти пурраи озуқавориро таъмин карда наметавонад, диққати махсус додан лозим аст.

Ҳамин тариқ, такмил додан ва амалкарди механизми таъмини амнияти озуқаворӣ истеҳсол, мубодила ва истеъмоли намудҳои мухталифи хӯрокворию ҳам дар минтақа ва ҳам дар ҷумҳурӣ пешбинӣ мекунад. [5, С.32].

Таҳлили роҳҳои асосии амнияти озуқавориро таъмин кардани иқтисодиёти минтақавӣ имкон медиҳад як қатор хулосаҳоро ироа намоем:

1. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодиёти минтақавӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ се роҳро пешбинӣ мекунад:

- истифодаи сиёсати воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ;
- истифодаи методҳои инноватсионӣ ва тарзҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар иқтисодиёти минтақа;
- арзёбии самаранокии истифодаи иқтидори минтақа ва сармояи хусусӣ дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ.

2. Самаранокии сиёсати воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ пешбинӣ мекунад, ки:

- соҳаҳои кишоварзӣ, саноати коркард ва хӯрокворӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ имконияти "истодагирӣ кардан, муҳофизат кардан ва зинда мондан"-ро дар рақобат бо компанияҳои калони ҷаҳонӣ ва мамлакатҳо дар истеҳсолу таҳвили маҳсулоти озуқаворӣ ба бозор доранд;

- бозори истеъмолии маҳсулоти озуқаворини минтақа аз "нарасидани ҳаҷм ва намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ" зарари сахт надидааст;

- дар шароити сиёсати ҳимоятгароёна (протексионизм) ба кишоварзии минтақа даст дод, ки истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро аз нав ба роҳ монад.

3. Дар вилояти Суғд захираҳои муайяни воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ мавҷуд аст, зеро афзоиши истеҳсоли онҳо ба мушоҳида мерасад.

4. Амнияти озуқаворӣ бо ҳамкории мунтазами унсурҳои ба ҳам алоқаманд таъмин карда мешавад:

- танзими гумрукии воридоти маҳсулоти озуқаворӣ;

- баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти минтақавӣ ва болоравии нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ;

- инкишофи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва самтгирӣ ба меъёрҳои байналхалқии истеъмоли хӯрокворӣ ва амнияти озуқаворини мамлакат.

5. Такмили механизми таъмин инъикоси тарзҳои гуногуни равандҳои муайян мебошад, ки дар минтақа дар теоремаҳо, формулаҳо ва рамзҳои математикии дар блок-схемаҳо тавсифшаванда ба амал меоянд. Моҳияти такмили механизми таъмини амнияти озуқаворини минтақа дар вокуниши фаврӣ ба муҳити берунию дохила ниҳон аст.

7. Меъёри воқеии истеъмол ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд (2200,8 ккал/шабонарӯз) муайян карда шуд, ки он аз меъёрҳои ФАО (2500 ккал) 12% камтар аст.

## ПАЙНАВИШТ


1. Бабаджанов, Д.Д. Таджикистан: формирование органического сектора сельского зозяйства. Монография. Душанбе, Ирфон. 2008. – 346 с.
2. Вохидов, В.В. Садриддинов, С.С. Работа дехканских хозяйств требует серьёзного улучшения / В.В. Вохидов, С.С. Садриддинов // Экономика Таджикистана: стратегия и развития. – 2004, №1. – С.171.
3. Исмоилов М.М. Развитие теорий продовольственной безопасности // Вестник Таджикского Национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе: «СИНО», 2015, № 2/7 (178). - С.113 – 118.
4. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. Душанбе. ТАУ, 2006. – 292 с.
5. Мадаминов А.А. Стратегия устойчивого развития АПК Таджикистана на ближайшую перспективу. Душанбе. ТАУ, 2003. – С.32


## SUBSCRIBE


1. Babadzhanov, D.D. Tajikistan: formation of the organic sector of agriculture. Monograph. Dushanbe, Irfon. 2008. – 346 p.
2. Vohidov, V.V. Sadriddinov, S.S. The work of dekhkan farms requires serious improvement / V.V. Vohidov, S.S. Sadriddinov // Economy of Tajikistan: strategy and development. - 2004, No. 1. - P.171.
3. Ismoilov M.M. Development of food security theories // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences - Dushanbe: "SINO", 2015, No. 2/7 (178). - pp.113 - 118.
4. Madaminov A.A. Problems of sustainable development of the agrarian sector of Tajikistan. Dushanbe. TAU, 2006. – 292 p.
5. Madaminov A.A. Strategy for sustainable development of the agro-industrial complex of Tajikistan for the near future. Dushanbe. TAU, 2003. - P.32